**Зарегистрировано в Едином реестре нормативно-правовых актов Министерства юстиции Республики Таджикистан от 27 ноября 2008 года, за №464**

**Утверждено распоряжением Министра иностранных дел Республики Таджикистан от 19 ноября 2008 года за №428**

# ИНСТРУКЦИЯ О ПОРЯДКЕ КОНСУЛЬСКОЙ ЛЕГАЛИЗАЦИИ

## Глава I. Общие положения

1. Настоящая Инструкция о порядке консульской легализации (далее – Инструкция) разработана на основании ст. 53 Консульского устава Республики Таджикистан, утвержденного Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июля 1998 года № 275, и определяет порядок консульской легализации.

2. Консульская легализация заключается в подтверждении соответствия документов и актов действующему законодательству государства их происхождения и представляет собой установление и засвидетельствование подлинности подписи должностного лица и печати уполномоченного государственного органа на документах и актах с целью использования их в другом государстве.

3. Консульская легализация подтверждает правомочность документов и актов в международном общении.

4. Легализация осуществляется в соответствии с настоящей Инструкцией, Консульским уставом Республики Таджикистан, законами Республики Таджикистан, иными нормативно-правовыми актами Республики Таджикистан, международными договорами, признанными Республикой Таджикистан.

5. Функции по консульской легализации выполняют:

а) в Республике Таджикистан – Консульское управление Министерства иностранных дел Республики Таджикистан (далее – Консульское управление);

б) за границей – консульские учреждения Республики Таджикистан.

6. Государственные органы Республики Таджикистан принимают к рассмотрению документы и акты, составленные властями или при участии властей иностранного государства лишь при наличии консульской легализации, если иное не предусмотрено законодательством Республики Таджикистан или международным договором, участниками которого являются Республика Таджикистан и государство, от организации и учреждений которого исходят документы и акты.

7. Не подлежат легализации документы и акты, противоречащие законодательству Республики Таджикистан или способные по своему содержанию нанести вред национальным интересам Республики Таджикистан, порочащие честь и достоинство её граждан.

## Глава II. Легализация документов и актов в Республике Таджикистан

8. Консульское управление легализует документы и акты, выданные дипломатическими представительствами или консульскими учреждениями иностранных государств, аккредитованными в Республике Таджикистан и предназначенные для использования на территории Республики Таджикистан.

9. Консульское управление легализует также документы и акты, составленные властями или при участии властей иностранного государства и предназначенные для использования на территории Республики Таджикистан, если они предварительно легализованы в дипломатическом представительстве или консульском учреждении иностранного государства происхождения документов и актов, аккредитованных в Республике Таджикистан.

10. При условии отсутствия в Республике Таджикистан дипломатического представительства или консульского учреждения иностранного государства, выдавшего документ или акт, Консульское управление направляет соответствующий запрос об установлении подлинности подписей и печатей на документах и актах во внешнеполитическое ведомство той страны, от которого исходил документ или акт.

11. Консульское управление должно иметь образцы подписей и оттиски печатей должностных лиц иностранных дипломатических представительств и консульских учреждений, аккредитованных в Республике Таджикистан, выполняющих обязанности по легализации документов и актов.

12. Консульское управление легализует также документы и акты, составленные на территории Республики Таджикистан государственными органами или при их участии и предназначенные для предъявления за границей.

13. Консульское управление может запрашивать подтверждение подлинности подписей должностных лиц и оттиски печатей государственных учреждений Республики Таджикистан, уполномоченных на совершение действий по засвидетельствованию (удостоверению) или составлению документов и актов, представляемых на легализацию.

Консульское управление в пределах своей компетенции принимает меры, направленные на получение образцов подписей и оттисков печатей, указанных в настоящей главе.

## Глава III. Легализация документов и актов в консульских учреждениях Республики Таджикистан за границей

14. Консульские учреждения Республики Таджикистан за рубежом осуществляют легализацию документов и актов, составленные при участии властей консульского округа или исходящие от этих властей, предназначенные для использования на территории Республики Таджикистан. Представленные на легализацию документы и акты, предварительно должны быть легализованы в Министерстве иностранных дел либо ином уполномоченном официальном учреждении государства пребывания.

15. Консульские учреждения могут запрашивать подтверждение подлинности подписей и оттиски печатей должностных лиц консульского округа, уполномоченных на совершение действий по легализации документов и актов, исходящих от официальных властей или составленных при их участии.

16. В отдельных случаях Консул может легализовать документы и акты третьего государства, предназначенные для использования в Республике Таджикистан, если на территории этого государства нет консульских учреждений Республики Таджикистан, и при условии наличия у Консула образцов подписей и оттиска печатей должностных лиц, уполномоченных на совершение действий по легализации документов и актов, исходящих от официальных властей или составленных при их участии того другого государства.

17. В случаях, когда у Консула возникает сомнение в том, что предоставленные для легализации документы и акты не соответствуют законам государства пребывания, он имеет право обращаться за официальным разъяснением к властям страны пребывания.

18. В случае поступления от отдельных граждан, организаций и учреждений на легализацию документов и актов, составленных на территории Республики Таджикистан, но не легализованных в Консульском управлении, Консул должен направить такие документы и акты в Министерство иностранных дел Республики Таджикистан для определения их подлинности. При получении положительного ответа, Консул легализует такие документы и акты в общем порядке, предусмотренном настоящей Инструкцией.

19. Консул направляет в Министерство иностранных дел Республики Таджикистан запросы, истребуемых гражданами документов и актов, и легализует их в порядке, предусмотренном настоящей Инструкцией.

## Глава IV. Документы и акты, не подлежащие легализации

20. Не подлежат легализации подлинники следующих документов и актов: паспорт, удостоверения личности, профсоюзные билеты, военные билеты, трудовые книжки, документы о принадлежности к сословиям и вероисповеданиям, водительские удостоверения, а также технические паспорта о регистрации транспортных средств.

21. В Консульском управлении не легализуются иностранные документы и акты, составленные за границей и ввезенные на территорию Республики Таджикистан без консульской легализации страны происхождение документа.

22. Документы и акты, оформленные с нарушением правил, указанных в настоящей Инструкции, не подлежат легализации и возвращаются на переоформление в официальной форме.

23. Должностные лица Консульского управления и консульских учреждений Республики Таджикистан за рубежом осуществляют контроль за правильностью оформления заключения и выдачи дипломов и выписок из семестровых и экзаменационных ведомостей, а также имеют право сверки документов, выданных гражданам Республики Таджикистан, и иностранным гражданам, окончившим средние специальные и высшие учебные заведения Республики Таджикистан при их легализации.

24. В случае обращения за повторной легализацией документа или акта (при утери легализованного документа, механическом повреждении или по иным причинам), документ легализуется повторно под ранее произведенной легализационной надписью и реестровым номером с отметкой «повторно». При повторной легализации проставляется дата повторной выдачи документа. За повторную легализацию документа или акта взимается консульский сбор, согласно нормативно-правовым актам Республики Таджикистан.

## Глава V. требования, предъявляемые к легализуемым документам и актам. Легализационная надпись

25. Документы и акты принимаются на легализацию, как в подлинниках, так и в нотариально заверенных копиях.

26. Учредительные документы юридических лиц легализуются в нотариально заверенных копиях при условии, что данные документы зарегистрированы в уполномоченном государственном органе, и на них имеются соответствующие отметки и печати о регистрации, а также представлено свидетельство об их государственной регистрации

27. Если легализация обусловлена представлением перевода документа или акта с государственного или русского языка на иностранный язык и наоборот, то легализация нотариально заверенного документа или акта может совершаться вместе с его переводом. Перевод может располагаться колонкой на странице с правой стороны, или же на отдельной странице. В последнем случае перевод подшивается к документу или акту в нотариальном порядке. Подпись переводчика должна быть заверена нотариусом или консульским должностным лицом Республики Таджикистан за рубежом.

28. Нотариальное удостоверение в консульском учреждении Республики Таджикистан за границей перевода документа или акта на государственный или русский язык не подменяет его легализацию.

29. Документы и акты, предоставляемые на легализацию, должны быть написаны ясно и четко. Подписи должностных лиц и оттиски печатей должны быть отчетливыми.

30. После того, как должностное лицо убедилось, что в соответствии с требованиями настоящей Инструкции документ или акт может быть легализован, на последнем листе делается надпись установленного образца.

31. Легализационная надпись может составляться чернилами от руки, печататься на машинке или проставляться штампом с последующим заполнением соответствующих граф на документе или акте. Она также может оформляться на отдельном листе с отпечатанным типографским способом текстом по образцу штампа. В этом случае лист подшивается к документу или акту и скрепляется с последними печатью и подписью лица, совершающего легализацию.

32. Легализационная надпись на документе или акте совершается, Консульским управлением на государственном и английском языке, а консульскими учреждениями Республики Таджикистан за рубежом на государственном языке и на языке страны пребывания.

33. Поправки и приписки должны быть оговорены перед подписью лиц, подписавших акт, и повторены в легализационной надписи. Эти приписки и поправки должны быть сделаны так, чтобы все ошибочно написанное, а затем исправленное и зачеркнутое, можно было прочесть в первоначальном виде. Если поправки и приписки сделаны в легализационной надписи, то они оговариваются и подписываются только должностным лицом, совершающим легализацию.

34. Рассмотрение документов и актов, представленных на легализацию осуществляется консульским должностным лицом в течение 3-5 рабочих дней. В исключительных случаях данный срок может быть продлён до 10 рабочих дней.

35. В отдельных случаях консульские должностные лица имеют право запрашивать у заявителей дополнительные документы и информацию, необходимые для совершения легализации. В данном случае, срок рассмотрения исчисляется с момента подачи всех необходимых документов.

36. Консульское управление и консульские учреждения Республики Таджикистан за рубежом ведут реестры по легализации документов и актов.

37. За совершение действий по легализации с заинтересованных лиц взимается консульский сбор, согласно нормативно правовым актам Республики Таджикистан.

38. Уведомление об отказе в легализации документа или акта предоставляется заявителю в письменной форме.

**Дар Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2008, таҳти №464 ба қайд гирифта шудааст**

**Бо Фармоиши Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2008, таҳти №428 тасдиқ карда шудааст**

# ДАСТУРАМАЛ
## дар бораи тартиби таъйиди консулӣ

## Боби 1
## Муқаррароти умумӣ

1. Дастурамали мазкур дар бораи тартиби таъйиди консулӣ (минбаъд - Дастурамал) дар асоси моддаи 53-уми Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июли соли 1998, таҳти №275 тасдиқ гардидааст, таҳия гардида, тарзи таъйиди консулиро муайян мекунад.

2. Таъйиди консулӣ аз муайян намудан ва тасдиқи мувофиқати ҳуҷҷатҳо ва санадҳо ба қонунгузории давлате, ки онҳоро таҳия намудааст иборат буда, шаҳодати қонунӣ будани имзои шахси масъул ва мӯҳри идораи салоҳиятдори он давлат дар ҳуҷҷатҳо ва санадҳо ҷиҳати истифодабарии онҳо дар давлати дигар мебошад.

3. Таъйиди консулӣ амали қонунии ҳуҷҷат ва санадҳоро дар муомилаи байналмиллалӣ тасдиқ менамояд.

4. Таъйиди консулӣ тибқи Дастурамали мазкур, Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалие, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гардидаанд, ба амал бароварда мешавад.

5. Вазифаҳои таъйиди консулиро иҷро менамоянд:

а) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Раёсати консулӣ);

б) дар хориҷа – муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

6. Мақомотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳо ва санадҳоеро, ки аз ҷониби ҳокимияти давлати хориҷӣ ва ё бо иштироки онҳо таҳия гардидаанд, танҳо бо мавҷудияти таъйиди консулӣ барои баррасӣ қабул мекунанд, агар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шартномаи байналмиллалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлате, ки аз ташкилоту идораҳои он ҳуҷҷат ва санадҳо бармеоянд, иштирокчии он мебошанд, тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

7. Ҳуҷҷат ва санадҳое, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф буда, мӯҳтавои он ба манфиатҳои миллии

Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар меоваранд ва шарафи шаҳрвандонро поймол (доғдор) менамоянд, таъйид карда намешаванд.

## Боби II
## Таъйиди ҳуҷҷат ва санадҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

8. Раёсати консулӣ ҳуҷҷат ва санадҳоеро, ки барои истифода дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби намояндагиҳои дипломатӣ ва ё муассисаҳои консулии давлатҳои хориҷии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсияшуда таҳия гардидаанд, таъйид менамояд.

9. Раёсати консулӣ инчунин ҳуҷҷат ва санадҳоеро, ки барои истифода дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳокимияти давлати хориҷӣ ва ё бо иштироки онҳо таҳия гардидааст, дар сурати таъйиди пешакии онҳо дар намояндагии дипломатӣ ё муассисаи консулии давлати таҳиякунандаи ҳуҷҷат ва санадҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккретитатсия шудааст, таъйид менамояд.

10. Дар ҳолати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набудани намояндагии дипломатӣ ва ё муассисаи консулии давлати хориҷӣ, ки ҳуҷҷат ё санадро таҳия намудааст, Раёсати консулӣ оид ба муайян намудани ҳақиқӣ будани имзо ва мӯҳр дар ҳуҷҷат ё санадҳо ба мақомоти сиёсати хориҷии он давлат дархост ирсол менамояд.

11. Раёсати консулӣ бояд намунаи имзо ва мӯҳрҳои шахсони масъули намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии давлатҳои хориҷиро, ки салоҳияти таъйиди ҳуҷҷат ва санадҳоро доранд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд, дошта бошад.

12. Раёсати консулӣ инчунин ҳуҷҷат ва санадҳоеро, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва ё бо иштироки онҳо ҷиҳати пешниҳод дар хориҷа таҳия шудаанд, таъйид менамояд.

13. Раёсати консулӣ метавонад ҳақиқӣ будани имзо ва мӯҳрҳои шахсони масъули муассисаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки салоҳияти анҷом додани амалиётҳои вобаста ба тасдиқи қонунӣ будан ва таҳияи ҳуҷҷат ва санадҳои барои таъйид пешниҳодгардидаро доранд, дархост намояд.

Раёсати консулӣ дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати ба даст овардани намунаҳои имзо ва мӯҳрҳои дар боби мазкур зикршуда чораҳои зарурӣ меандешад.

## Боби III
## Таъйиди ҳуҷҷат ва санадҳо дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа

14. Муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ҳуҷҷат ва санадҳоеро, ки барои истифода дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳокимияти минтақаи консулӣ ва ё бо иштироки онҳо таҳия гардидааст, таъйид менамояд. Ҳуҷҷат ва санадҳои барои таъйид пешниҳодшаванда, бояд қаблан дар Вазорати корҳои хориҷӣ ва ё

дигар мақомоти салоҳиятдори расмии давлати иқомат таъйид шуда бошанд.

15. Муассисаҳои консулӣ метавонанд ҳақиқӣ будани имзо ва мӯҳрҳои шахсони масъули ҳокимияти минтақаи консулӣ, ки салоҳияти таъйиди ҳуҷҷат ва санадҳоро доранд, ё бо иштироки онҳо тартиб дода шудаанд, дархост намоянд.

16. Дар баъзе мавридҳо, Консул метавонад ҳуҷҷат ва санадҳои кишвари сеюмро барои истифода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сурати набудани муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави он давлат ва бо шарти доштани намунаи имзо ва мӯҳрҳои шахсони масъул, ки салоҳияти таъйиди ҳуҷҷат ва санадҳоро, ки аз ҷониби ҳокимияти давлати сеюм ва ё бо иштироки онҳо дар қаламрави он давлат доранд, таъйид намояд.

17. Дар сурате, ки Консул ба мувофиқати ҳуҷҷат ва санадҳои барои таъйид пешниҳодшуда бо қонунҳои давлати иқомат шубҳа пайдо намояд, ӯ ҳуқуқ дорад, ки барои тафсири расмӣ ба ҳокимияти давлати иқомат муроҷиат намояд.

18. Дар сурати аз ҷониби шахсони алоҳида ва ташкилоту муассисаҳо барои тиъйид ҳуҷҷат ва санадҳое пешниҳод шаванд, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар Раёсати консулӣ таъйид нашудаанд, Консул вазифадор аст, ки ин гуна ҳуҷҷат ва санадҳоро барои муайян намудани қонунӣ будани онҳо ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристад. Пас аз гирифтани ҷавоби мусбӣ, Консул чунин ҳуҷҷат ва санадҳоро мувофиқи тартиби умумии дар Дастурамали мазкур пешбинишуда, таъйид менамояд.

19. Консул дархостҳои шаҳрвандон оид ба талаб карда гирифтани ҳуҷҷат ва санадҳоро ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мефиристад ва бо тартиби муқарраргардидаи Дастурамали мазкур, онҳоро таъйид менамояд.

## Боби IV. Ҳуҷҷат ва санадҳои ғайри қобили таъйид

20. Нусхаи аслии ҳуҷҷат ва санадҳои зерин ғайри қобили таъйид мебошанд: шиноснома, шаҳодатномаи шахсӣ, шаҳодатномаи узвияти иттифоқи касаба, шаҳодатномаи ҳарбӣ, дафтарчаи меҳнатӣ, ҳуҷҷатҳое, ки мансубиятро ба табақа ё мазҳаб шаҳодат медиҳанд, шаҳодатномаи ронандагӣ, инчунин шаҳодатномаи техникӣ дар бораи бақайдгирии воситаҳои нақлиёт.

21. Ҳуҷҷат ва санадҳое, ки дар хориҷи кишвар таҳия гардида, бе таъйиди консулии давлати судурнамудаи ҳуҷҷат ва санад ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудаанд, дар Раёсати консулӣ таъйид карда намешаванд.

22. Ҳуҷҷат ва санадҳое, ки бо вайрон намудани қоидаҳои дар Дастурамали мазкур пешбинигардида таҳия шудаанд, ғайри қобили таъйид буда, барои таҳияи дуруст, расман бозпас фиристода мешаванд.

23. Шахсони мансабдори Раёсати консулӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа оид ба қонунӣ ва дуруст будани судури диплом ва нусха аз дафтарчаи имтиҳонот назорат бурда,

инчунин ҳангоми таъйид, ҳуқуқи муқоиса кардани ҳуҷҷатҳое, ки ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷониби муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, доранд.

24. Дар ҳолати муроҷиати такрорӣ барои таъйиди ҳуҷҷат ё санадҳо (дар ҳолати гум шудани ҳуҷҷати таъйидшуда, бекоршавии механики он ва дигар ҳолатҳо), ҳуҷҷат такроран бо навиштаҷоти таъйидӣ ва рақами реестрии пештара бо нишони «такрорӣ» таъйид карда мешавад. Дар мавриди таъйиди такрорӣ, санаи судури такрории ҳуҷҷат монда мешавад. Барои таъйиди такрории ҳуҷҷат ва санадҳо, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷи консулӣ ситонида мешавад.

## Боби V. Талабот нисбати ҳуҷҷат ва санадҳои таъйидшаванда. Навиштаҷоти таъйидӣ

25. Ҷиҳати таъйид, ҳуҷҷат ва санадҳо чӣ дар шакли нусхаи аслӣ ва инчунин нусхаҳои аз ҷониби нотариус тасдиқгардида қабул карда мешаванд.

26. Ҳуҷҷатҳои таъсиснамоии шахси юридикӣ дар шакли нусхаи дар нотариат тасдиқгардида дар ҳолате таъйид карда мешаванд, ки ин ҳуҷҷатҳо дар мақомоти салоҳиятдор ба қайд гирифта шуда, нишон ва мӯҳри муқарраргардида дар бораи аз қайди давлатӣ гузаштани он, инчунин шаҳодатнома дар хусуси аз қайди давлатӣ гузаштани он вуҷуд дошта бошад.

27. Агар таъйиди ҳуҷҷат ё санад доштани тарҷумаи онро аз забони давлатӣ ё русӣ ба забони хориҷӣ ва баръакс тақозо намояд, он гоҳ ҳуҷҷат ва санадҳои аз ҷониби нотариат тасдиқшуда метавонад бо тарҷумаи он таъйид карда шавад. Тарҷума метавонад дар як саҳифаи дутақсимшуда аз ҷониби рости матн, ё ин ки дар як саҳифаи алоҳида ҷой дода шавад. Дар ин маврид, тарҷума ба ҳуҷҷат ё санад бо тартиби нотариалӣ дӯхта мешавад. Имзои тарҷумон бояд аз ҷониби нотариус ва ё корманди консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа тасдиқ карда шавад.

28. Тасдиқи нотариалии тарҷумаи ҳуҷҷат ё санад ба забони давлатӣ ё русӣ дар муассисаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа, таъйиди онро иваз карда наметавонад.

29. Ҳуҷҷат ва санадҳои барои таъйид пешниҳодшуда бояд возеҳ ва фаҳмо навишта шуда бошанд. Имзои шахсони масъул ва мӯҳри онҳо бояд рӯшан ва хоно бошанд.

30. Пас аз эътимод ба мувофиқати талаботи Дастурамали мазкур, ҳуҷҷат ё санад таъйид гардида, дар саҳифаи охирин навиштаҷоти муқарраргардида сабт карда мешавад.

31. Навиштаҷоти таъйидӣ бо қалами рангӣ бо даст, мошини чопӣ ва ё дар шакли мӯҳргузорӣ бо шарти баъдан пур намудани сутунҳои дахлдор дар ҳуҷҷат ё санад таҳия мегардад. Он ҳамчунин дар варақи алоҳида тариқи чоп кардани матн мувофиқи намунаи мӯҳр таҳия гаштанаш имконпазир аст. Дар ин ҳолат, варақ ба ҳуҷҷат ё санад

пайваст карда шуда, бо мӯҳр ва имзои шахси таъйидкунанда тасдиқ карда мешавад.

32. Навиштаҷоти таъйидӣ дар ҳуҷҷат ё санадҳо дар Раёсати консулӣ бо забони давлатӣ ва англисӣ ва дар муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа бо забони давлатӣ ва забони давлати иқомат таҳия карда мешавад.

33. Тағйироту иловаҳо бояд пеш аз имзои шахсони ба санад имзогузоранда баён гардида, дар навиштаҷоти таъйидӣ такроран сабт карда шаванд. Ин тағйироту иловаҳо тарзе бояд анҷом дода шаванд, ки имконияти хондани тамоми матни хатонавишташуда ва сипас ислоҳкардашуда дар шакли аввала мавҷуд бошад. Агар тағйироту иловаҳо дар рӯи навиштаҷоти таъйидӣ ворид шуда бошанд, пас тарзи дурусти навиштаҷоти таъйидӣ танҳо бо имзо ва мӯҳри шахси таъйидкунанда тасдиқ карда мешавад.

34. Ҳуҷҷат ва санадҳои барои таъйид пешниҳодгардида аз ҷониби корманди масъули консулӣ дар муддати 3-5 рӯзи корӣ баррасӣ карда мешаванд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ин мӯҳлат метавонад то 10 рӯзи корӣ тамдид карда шавад.

35. Дар баъзе мавридҳо, шахсони масъули консулӣ барои анҷом додани таъйид, ҳуқуқи аз муроҷиаткунандагон талаб кардани ҳуҷҷатҳои иловагӣ ва маълумоти барои таъйид заруриро доранд. Дар ин ҳолат, мӯҳлати баррасӣ аз рӯзи ба таври пурра пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо ҳисоб карда мешавад.

36. Раёсати консулӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа реестри (дафтари қайди) таъйиди ҳуҷҷат ва санадҳоро мебаранд.

37. Барои анҷом додани таъйиди консулӣ, аз шахсони манфиатдор мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷи консулӣ ситонида мешавад.

38. Рад кардани таъйиди ҳуҷҷат ё санадҳо ба муроҷиаткунандагон ба таври хаттӣ ба расмият даровarda мешавад.